*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе,734067, кӯчаи Нахимов, 64/4*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Асоев Илҳом Зикрёевич дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зидагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Мавзуи интихобнамудаи муаллиф дар шароити имрӯза рӯз аз рӯз ба худ аҳамияти хосаро касб намуда, зарурати ҷомеа ба он зиёд мегардад. Муаллиф бо дарки масъалаҳои муҳими соҳа як таҳқиқоти комилро рохандозӣ намуда, ба масъалаҳои рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва муаммоҳои зиёди дар ин самт ҷойдошта таҳлилу таҳқиқоти пурраро рӯи кор овардааст.

Татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва дастгирии давлатӣ дар минтақаҳои кишвар амалӣ шуда истода, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ, зарурати қабули тадбирҳои маҷмуиро тақозо менамояд. Алалхусус, тадбирҳо бобати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, ки бартараф намудани бекорӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти неъматҳои моддӣ равона гардида муҳим мебошад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ақидаҳои назариявии классикӣ ва мавқеъгирии усулҳои андозагирӣ, арзёбии дараҷаи нобаробарии даромадҳо, инчунин сатҳи некуаҳволии аҳолии Тоҷикистони муосир, параметрҳо ва тамоюлҳои бартаридоштаро тибқи параметрҳо ва тамоилҳои афзалиятнокро мавриди таҳқиқ қарор додем. Бинобар ҳамин, бо назардошти баэътибор гирифтани нишондиҳандаҳои хусусиятҳои минтақавӣ дар қиёс бо сатҳи некуаҳволии умумиҷумҳуриявӣ маълум мегардад, ки самараи идоракунии чунин раванд аз таҳияи методологияи ченкунӣ ва арзёбии некуҳволии мардуми минтақа дар заминаи муносибатҳои байналмилалӣ алоқамандии зич дошта, мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор гирифтанд (саҳ.8).

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявии асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаҳои баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ бахшида шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот методҳои абстраксияи илмӣ, диалектика, омориву риёзӣ, дедуксия ва индуксия, таҳлили омилӣ, таҳқиқоти иҷтимоӣ ва ғайраҳо истифода шудааст.

Муҳаққиқ зимни таҳлили ҷадвали 5-динамикаи шумораи аҳолӣ, шуғл ва сатҳи бекорӣ дар вилояти Хатлонро барои солҳои 2013-2020-муайян кардааст, ки дар давоми солҳои 2013-2020 шумораи умумии аҳолии вилояти Хатлон ба 27% зиёд шудааст. Инчунин афзоиши ҳиссаи аҳолии шуғлдошта дар шумораи умумии аҳолӣ 13,8 %-ро ташкил дода, чунин тамоюл дар оянда низ давом меёбад. Дараҷаи бекорӣ нисбати шумораи умумии аҳолӣ аз 5,8% соли 2013 ба 3,3 % дар соли 2020 паст гардидааст. Аз назари мо, дар чунин ҳолат афзоиши қувваи кории минтақа ва ташаккул ёфтани бозори минтақавии меҳнатӣ ба назар самаранок мерасад (саҳ.20).

Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмии дар самти рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, метавонанд ба заминаҳои назариявии таҳияи сиёсати минтақавии давлат шомил карда шаванд, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси пурра амалӣ намудани имкониятҳои иқтисодию беҳтаргардонии шароити экологӣ нигаронида шудаанд.

Диссертант бо дар натиҷаи омӯзиши адабиёти гуногуни хориҷию ватанӣ моделҳои консептуалии гуногунро оид ба мавзуи таҳқиқшаванда тартиб дода, аҳамияти илмии онро шарҳ додааст.

Новобаста аз дастовардҳои дар автореферат дарҷ гардида, инчунин баъзе камбудиҳо дар автореферат мавҷуд аст:

1. Новобаста аз оне, ки объекти таҳқиқотии кори илмии мазкур дар мисоли минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ оварда шудааст, агар хубтару беҳтар мебуд дар автореферат таҷрибаи баъзе кишварҳои тараққикардаи дунё оварда шуда, кадом таҷрибаи пешқадами онро дар мисоли ҷумҳурии мо амалӣ намудан мумкин аст, асоснок ва пешниҳод мегардид;

2. Дар саҳифаи 18-расми 5 - ҷузъҳои таркибии механизми дастгирии давлатии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми вилояти Хатлон - тасвир гардидааст, ки ба таври кофӣ маънидод нагардида шарҳу тавсифи зарурӣ дода нашудааст;

Дар маҷмӯъ бояд зикр кард, ки бо назардошти мулоҳизаҳои илман асосноки муҳаққиқ, ба роҳ мондани таҳлил ва баррасии вижагиҳои рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар автореферати диссертатсия нишон додааст.

Мазмуни автореферат имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки кори диссертатсионии пешкашгардида ба тамоми талаботи нисбат ба таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшаванда бахри дарёфти дараҷаи илмии номзади

илми иқтисодӣ, тамоми бандҳои муқарраршуда оид ба додани дараҷаи илмие, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудаст, ҷавобгӯ буда, худи Асоев Илҳом Зикрёевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи умумидонишгоҳии**
**назарияи иқтисодии ДМТ** **Комилов А.Қ**

**Имзои Комилов А.Қ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
25.02.2023

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Рудакӣ 17.
http: www. tnu.tj 55-444-07-70